«Тасдиқ мекунам»
ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои биологӣ, профессор
_______________Давлатзода С.Х.
аз «___23___» ______01______ соли 2024

**ИҚТИБОС АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №5**

**ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва таҳлили иқтисодӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

**аз «12» январи соли 2024** **ш.Бохтар**

**Раисикунанда:** Расулова Д.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**Котиби ҷаласа:** Зувайдуллоева Г.Х. – н.и.и., дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**Иштирок доштанд:** Расулова Д.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, д.и.и., профессор Пиризода Ҷ.С., н.и.и. Раҳимов П.С., н.и.и. Гулов Қ.М., н.и.и. Нурализода Н., н.и.и. Джайлоев З.М., н.и.и., дотсент Ҳамдамзода Х.А., н.и.и. Мирзозода М., н.и.и. Наимов Б.Қ., н.и.и. Гулов Б.М., н.и.и. Шодиев Б.С., н.и.и Нориён Ф.И., н.и.и Маҷнунова М.Ҳ., н.и.и Шамсулозода Х., н.и.и Шамсов Ҷ.И., н.и.и Холов Т.А., н.и.и Зувайдуллоева Г.Х., н.и.и Бақоев Ш.С., н.и.и Аминов Р.Ҷ., н.и.и Холназаров М.Ҳ., омӯзгорон Тошпулотов Ш.У., Хайрзода Ф.А., Сафаров Ф.Ҷ., Назаров Ҳ.С., Сафаров С., Лутфуллоев С., Шукуров Ҷ., Раҳимов Ш.Ҳ., Эрматов М., Кабиров Ш.

Мутахассисони даъватшуда аз шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: д.и.и., профессор Аминов И.А., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., д.и.и. профессор Мирсаидов И.А.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Баррасии пешакии таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.

**Роҳбари илмӣ -** Пиризода Ҷалил Сафар - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муқарризон:** Наимов Б.Қ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Шодиев Б.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**Шунида шуд:** Оид ба асъалаи мазкур Зарифзода Зоир Кулмаҳмад баромад намуда, дар бораи сохтор, мазмун ва навгониҳои илмӣ, нуҳтаҳои ҳимояшаванда ва масъалаҳои таҳқиқоти рисолаи номзадии ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дод, қайд намуд, ки дар шароити муосир ҳалли масъалаҳои таъмини мустақилият ва амнияти озуқаворӣи ҳар як кишвар вазифаи муҳимтарин мебошад, ки ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ пешбарӣ карда мешавад. Дар замони имрӯза бозори маҳсулоти озуқаворӣ дорои зарурати зиёду муҳими иқтисодию иҷтимоӣ дар заминаи иқтисодиёти миллӣ ва ҳамчунин сатҳи минтақавиро доро мебошад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаю вазифаи афзалиятноку муҳим, ки он бояд дар навбати аввал дар сатҳи зарурӣ коркард ва ҳаллу фасл карда шуавад, ин масъала ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа мебошад.

Қобили зикр аст , ки вобаста ба таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳони муосир бавуҷудомада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он, хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида як қатор монеаҳоро дар бозори озуқаворӣи минтақа эҷод менамояд.

Дар рафти баррасии масъала аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа д.и.и., профессор Аминов И.А., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., д.и.и. профессор Мирсаидов И.А., н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ., н.и.и., дотсент Джойлоев З., н.и.и., дотсент Гулов Қ.М., н.и.и., дотсент Нурализода Н., н.и.и., дотсент Ҳамдамзода Х.А., ва омӯзгор Эрматов М. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд.

Ба саволҳои додашуда Зарифзода Зоир Кулмаҳмад ҷавобҳои мукаммал ва илман асоснок дод.

Баъдан такризи роҳбари илмӣ д.и.и. профессор, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С. ба диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад баромад намуда, иброз дошт, ки мубрамии мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии Зарифзода Зоир Кулмаҳмад аз он бармеояд, ки яке аз бахши муҳими соҳаи хизматрасонӣ бозори маҳсулоти озуқаворӣ мебошад, ки барои ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ аҳамияти калидӣ дорад, зеро қисми устувори маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд, вазифаи муҳими такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, механизми аз бӯҳрон баромадани иқтисодиётро иҷро мекунад ва инчунин, дар якҷоягӣ бо

соҳаҳои марбутаи иқтисодиёт қисми назарраси рушди онро ба худ равона мекунад.

Бинобар ин рисолаи номзадии Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, кори ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Сипас муқарризон: Наимов Бегмурод Қунғуротович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Шодиев Бурҳониддин Сайдалиевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба зинаҳои ҳимояи минбаъда тавсия доданд (тақризҳо замима мегарданд).

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур д.и.и., профессор Аминов И.А., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ. ва н.и.и., дотсент Ҳамдамзода Х.А. баромад намуда диссертатсияро анҷомёта ҳисобиданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Зарифзода Зоир Кулмаҳмад муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳи мебошад.

Дар доираи мавзуъ муқарризони расмӣ эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки муқаррароти диссертатсияро инъикос менамояд баромад намуданд.

Зарифзода Зоир Кулмаҳмад ба эродҳои муқарризони расмӣ, ҷавобгу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади муқарризон ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

Пас аз муҳокимаи диссертатсия, ҷаласаи якҷояи кафедраҳо,

**Қарор қабул кард:**

1. Баромади Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, тақризҳои муқарризони расмӣ Наимов Б.Қ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Шодиев Б.С. - номзади илмҳои

иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва хулосаи роҳбари илмӣ д.и.и., профессор Пиризода Ҷ.С. ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷқмҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 32 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 32 нафар: Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор -32 нафар, Зид - нест, Бетараф – нест.

Қарор дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва таҳлили иқтисодӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», протоколи №5 аз «12» январи соли 2024 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.и., мудири кафедраи
назарияи иқтисодӣ — Расулова Д.Б.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
таҳлили иқтисодӣ ва аудит — Зувайдуллоева Г.Х.

**Имзоҳои Расулова Д.Б. ва Зувайдуллоева Г.Х. – ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» — Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС